**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзӯи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Фаъолияти самараноки фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои муҳими тиббӣ мебошад. Мақсадҳои асосии он таъмини саломатии шаҳрвандон аст. Аз ин рӯ, ба рушди соҳаи дорусозӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Дар шароити имруза соҳаи тиббӣ ва доруворӣ дар меҳвари сиёсати кишвар қарор дошта, барои фароҳам овардани шароити таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ нигаронида шудааст, зеро рушди устувори ҳар як давлат асосан аз саломатии миллат ва қобилияти меҳнатӣ вобаста аст. Шароити нави фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба шаклҳо ва хусусиятҳои рушди бозори доруворӣ асос ёфтааст, муносибати навро ба идоракунии ташкилотҳои доруворӣ талаб мекунад. Дар иқтисоди бозорӣ соҳаи тиҷорати фармасевтӣ яке аз самтҳои рушдкарда баҳисоб рафта барои таъмини аҳолӣ бо истеҳсолоти доруворӣ вазифаи ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Болтуева Р.К. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақти ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлилу омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ, инчунин коркарди тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки барои беҳгардонии вазъи таъминоти иттилоотии роҳбарияти ширкатҳои фармасевтӣ равона карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот муносибати ҳамаҷонибаро дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, методӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ, ҳолати кунунии соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии ширкати фармасевтӣ ва ташаккули натиҷаҳои молиявӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ зоҳир мегардад дар бар мегирад.

Муаллиф дар диссертатсия омӯзиши асосҳои консептуалии баҳисобгирии идоракунӣ қоидаҳои (принсипҳои) баҳисобгирии идоракуниро муайян намуда ба чунин хулосае омадааст, ки риояи ин қоидаҳо ба

муносибгардонии равандҳои истеҳсолот, назорат аз рӯйи истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ мусоидат мекунад.(с.16)

Ба ақидаи муаллиф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии доруворӣ ин рушди истеҳсоли дохилии маводи доруворӣ мебошад. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби 51 корхонаҳои соҳа истеҳсоли зиёда аз 273 номгӯи маводҳои доруворӣ, молҳои тиббӣ ва коркарду бастубанди гиёҳҳои шифобахши ватанӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар автореферат муаллиф қайд менамояд ки ба фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ, ки ба воридот ва истеҳсоли молҳои доруворӣ машғуланд, як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ метавонанд таъсир расонанд. Ӯнвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки ҳангоми пеш бурдани фаъолияти тиҷоратии фармасевтӣ аз ҷониби ширкатҳои соҳа ҳатман ба инобат гирифтани омилҳои зикршуда муҳим мебошад (саҳ.20)

Унвонҷӯ дар автореферат амсилаи умумии баҳисобгирии даромад, хароҷот ва ташаккулёбии натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ дар ширкати фармасевтии ҶДММ «ТБШ» пешниҳод намудааст (расми 1), ва қайд намудааст, ки аз рӯйи он ташаккули маълумоти ҳисобдорӣ бо низоми муайян амалӣ мегардад (с.22).

Унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия дар асоси таҳқиқот ва коркардҳои илмии олимон , самтҳои фаъолияти ширкатҳои фармасевтии тиҷоратиро омӯхта, барои қабул кардани қарорҳои босамари идоракунӣ ба роҳбарияти корхонаҳои фармасевтӣ, як қатор нишондиҳандаҳои асосии бизнес-равандҳоро таҳия ва пешниҳод намудааст.(с.30)

Тавре, ки муаллиф дар мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Болтуева Р.К. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст оварад.

Умуман, унвонҷӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Муаллиф дар автореферат барои фаъолияти ширкати фармасевтӣ баҳисобгирии бизнес-равандҳоро пешниҳод намудааст, аммо дар афтореферат самаранокии иқтисодии онҳо муйян карда нашудааст.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани таҳқиқот оварда шуд, ки зеро онҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва бояд қайд намуд, ки ин камбудҳо ба мазмуни асосии диссертатсия монеа шуда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзӯи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, ба талаботҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"** **Олимӣ Р.Л.**

Имзои н.и.и., дотсент Олимӣ Р.Л.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"** **Сайдуллозода З.С.**

**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 775-11-11**

28 04 2025с